**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”:**

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор

__________ Ибодуллозода А.И.

“22” сентябри соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Мубрамияти таҳқиқот.** Ташкили раванди таълим дар асоси технологияҳои навини таълимӣ аз масоили муҳимми таҳсилот буда, ин раванд дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) имкон медиҳад, ки масъалаҳои таълими рушддиҳанда дар сатҳи баландтар ҳал карда шаванд. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои таълим омӯзгор бояд дониш ва методикаву технологияҳои муосири таълимро дар сатҳи баланди муносибати босалоҳият аз худ намояд, амсилаҳои иттилоотиро таҳлилу таҳия карда тавонад, бо ёрии компютер баҳогузорӣ намояд, аз уҳдаи коркарди иттилооти графикӣ барояд ва ҷадвалҳои электрониро истифода бурда тавонад.

Бо истифода аз компютер ва асбобҳои мултимедиявӣ метавон такроран усулҳои иҷрои амалҳои технологӣ ва пайдарҳамии онҳоро намоиш дода, раванди тағйир додани объект, кашидани расму нақша ва ғайраҳоро пайгирӣ намуд. Тавассути кор бо компютер хонанда метавонад равандҳои муайянро дида, баъдан ин падидаҳоро таҳлил ва азхуд кунад.

Гузашта аз ин, истифодаи воситаҳои нармафзор, аз қабили китобҳои электронӣ ва энсиклопедияҳои мултимедиявӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки ба миқдори зиёди иттилооти нав дастрас бошанд ва бо ёрии компютер раванди иҷрои ин ё он фаъолиятро омӯзанд. Намунаҳои монанди китобҳои рақамӣ ва донишномаҳои дорои васоити гуногун ба хонандагон қудрати гирифтани маълумоти фаровонро медиҳанд. Ҳамчунин, онҳо метавонанд тавассути компютер тарзи иҷрои корҳои мушаххасро азхуд намоянд., ҷустуҷӯ кунанд ва барномаҳоро дар амал татбиқ намоянд.

Дар замони муосир, талабот нисбат ба кормандони эҷодкор, ки дорои тафаккури техникии пешрафта ҳастанд ва метавонанд дар беҳтар намудани таҷҳизот ва технология саҳм гузоранд, мунтазам афзоиш меёбад. Ҷустуҷуи роҳҳои ҳалли ин масъалаҳо бевосита ба усулҳои инноватсионии таълим ва омодасозии мутахассисони баландихтисос вобаста аст. Ин раванд аз дониш ва малакаҳои касбии онҳо вобаста буда, дар ҷомеаи имрӯза нақши муҳим мебозад.

Андешаҳои иброзшуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки дарси муосир, алалхусус дарсҳои технология (таълими меҳнат)-ро бидуни истифода аз технологияҳои муосири таълим тасаввур кардан ғайриимкон аст ва он асоси дастёбӣ ба сифати таҳсилот ва омодасозии мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазир мебошад, ки аз мубрам ва муҳим будани мавзуи барои таҳқиқ интихобнамудаи мо далолат мекунад.

**Мақсади таҳқиқоти мазкурро** таҳлили илмию педагогии шакл ва усулҳои самараноки истифодаи имкониятҳои нави педагогӣ зимни таълими фанни «Технология» (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил дода, ки татбиқи онҳо ба баланд бардоштани сифати таълим, густариши фаъолияти эҷодии хонандагон ва рушди малакаҳои амалӣ мусоидат менамояд. Дар ин замина, вазифаҳои интихобшуда ва татбиқшавандаи таҳқиқот бо дарназардошти ҳадафҳои мушаххаси илмӣ таҳия ва амалӣ гардонида шудаанд. Онҳо омӯзиш ва таҳлили заминаҳои назариявию методии татбиқи усулҳои муосири таълим дар фанни «Технология», омӯзиши таҷрибаи амалии омӯзгорон ва таъсири он ба сатҳи донишандӯзӣ ва эҷодкории хонандагон, таҳлили имкониятҳои таълиму тарбиявии фан нисбат ба ташаккули ҷаҳонбинии меҳнатӣ, худфаъолиятнокӣ ва масъулияти иҷтимоии хонандагон, ташкили таҳқиқоти таҷрибавию озмоишии самаранокии усулҳои инноватсионии таълим ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои истифодаи онҳо дар раванди таълимро дар бар мегиранд.

**Объект ва мавзуи таҳқиқот** мантиқан бо ҳам алоқаманд буда, таҳқиқи фаъолияти омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни истифодаи технологияҳои муосири таълимро ташкил медиҳад. Ягонагӣ ва робитаи мантиқии мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот имконият додааст, ки фарзияи илмӣ ва нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда бо ҳам мувофиқ бошанд ва раванди таҳқиқот дар муҳлати муайянгардида ба анҷом расонида шуда, ҳамчун кори илмии дорои арзиши назариявию амалии баланд ба расмият дароварда шавад.

Барои иҷрои мақсади таҳқиқотӣ ва ноил гардидан ба иҷрои вазифаҳои дар пешгузошташуда, муайянсозии дақиқи асосҳои методологӣ ва назариявӣ,

интихоби сарчашмаҳои боэътимоди илмӣ ва адабиёти дахлдор, махсусан истифодаи методҳои назариявию амалии таҳқиқот, инчунин интихоби дурусти пойгоҳи таҷрибавии таҳқиқот нақши муҳим бозида, ба устувории натиҷаҳои илмии бадастомада мусоидат намудаанд.

Фаъолияти пурсамар ва заҳматҳои муҳаққиқ имконият фароҳам оварданд, ки **навгониҳои илмии** ин таҳқиқот ҳамчун бозёфтҳои арзишманди илмӣ ва амалии соҳавӣ арзёбӣ гарданд. Таҳқиқоти мазкур таҳлили илмии мукаммалу амиқи масъалаи истифодаи технологияҳои муосири таълим дар фанни «Технология» (таълими меҳнат)-ро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар бар гирифта, ба омӯзиши шароит, имконият ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таълим дар ин фан бахшида шудааст.

– Дар раванди таҳқиқот кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки равандҳои ташаккули салоҳиятҳои амалӣ ва эҷодии хонандагон тавассути ҷорӣ кардани технологияҳои педагогии муосир ба таври илмӣ таҳлил ва асоснок гарданд. Таваҷҷуҳи хос ба омилҳое равона гардид, ки ба рушди қобилиятҳои амалии хонандагон, ташаккули ҷаҳонбинии меҳнатӣ ва истифодаи самараноки воситаҳои таълими инноватсионӣ мусоидат менамоянд;

- Ҷустуҷӯҳои назариявӣ ва озмоишии муҳаққиқ имкон фароҳам оварданд, ки шароитҳои педагогии татбиқи технологияҳои муосири таълим муайян ва дар асоси онҳо усулҳои самарабахши истифодаи ин технологияҳо дар муҳтавои фанни технология таҳия шаванд. Дар ин замина, роҳҳои татбиқи принсипҳои таълими фаъол, инфиродӣ, модулӣ ва салоҳиятнок дар фанни мазкур тавсия гардиданд;

- Дар таҳқиқот масоили баланд бардоштани салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанни технология мавриди баррасӣ қарор гирифта, тавсияҳои методӣ оид ба такмили малака ва дониши онҳо дар шароити воридшавии технологияҳои таълими инноватсионӣ пешниҳод шудаанд. Дар ин раванд, як қатор маводи таълимию методӣ таҳия гардид, ки барои ташкили муҳтавои таълими фан ва фаъолсозии фаъолияти эҷодии хонандагон асоси устувор фароҳам меоранд;

- Навгонии илмии таҳқиқот дар заминаи таҳия ва татбиқи усули ташхиси самаранокии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар таълими фанни технология муайян гардидааст, ки имкони баҳо додан ба тағйироти сифати дониш, малака ва ҳавасмандии хонандагонро фароҳам месозад;

-Таҳқиқот ҳамчунин тавсияҳои консептуалӣ ва методиро барои омӯзгорони зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод менамояд, ки барои баланд бардоштани сатҳи таълим ва мутобиқ сохтани мазмуни он ба талаботи таълими муосир ва бозори меҳнат мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**

Дар даврони ҷаҳонишавӣ ва пешрафти босуръати технологияҳои муосир, ки равобити иҷтимоӣ ва равандҳои таълимиро ба куллӣ тағйир медиҳанд, зарурати истифодаи технологияҳои нав ва самаранок дар таълим ба миён меояд. Таҳқиқоти доир ба истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) барои рушди илми педагогика ва такмили таҷрибаи таълимӣ аҳамияти назаррас дорад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар зер таҷассум меёбад:

- Таҳқиқот барои таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологии истифодаи технологияҳои муосир дар таълими фанни технология мусоидат менамояд;
- Муайян кардани нақши технологияҳои муосир дар баланд бардоштани сифати таълим ва рушди малакаҳои амалӣ ва назариявии хонандагон;
- Омӯзиши таҷрибаи омӯзгорони фанни технология дар истифодаи усулҳои навтарин дар раванди таълим;
- Таҳлили адабиёти илмиву методӣ барои такмили назария ва амалияи педагогикӣ;
- Муайян кардани хусусиятҳои педагогии ҷорӣ кардани технологияҳои муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Аҳамияти амалии таҳқиқот чунин аст:

- Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот шароити мусоид барои татбиқи технологияҳои муосир дар раванди таълими фанни технология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъсис дода мешавад;
- Муайян ва коркард намудани меъёрҳо ва намудҳои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ барои беҳтар намудани раванди таълим;
- Таҳия ва пешниҳоди воситаҳо ва шаклҳои нави фаъолияти омӯзгорон барои татбиқи технологияи муосир дар дарсҳо;
- Омӯзиши тасаввуроти омӯзгорон ва хонандагон оид ба технологияҳои муосир ва таъсири онҳо ба раванди донишандӯзӣ;
- Таҳияи тавсияҳои илмиву амалӣ барои рушди касбияти омӯзгорон ва такмили малакаи онҳо дар истифодаи технологияҳои инноватсионӣ.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода шаванд ва ба ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ мусоидат намоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар амри иҷрои фаъолиятҳои зерин зуҳур меёбад:

- таҳлили амиқи адабиёту сарчашмаҳои илмӣ, баррасӣ ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;
- таҳия ва интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот;
- мӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳу усул ва шароити педагогии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ;
- муайян кардани шароитҳои педагогӣ ва моҳияти истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълими фанни технология (таълими меҳнат) ва дониши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
- таҳия ва пешниҳоди дастури методӣ ва тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон доир ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат);
- гузаронидани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи таҳқиқот.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои мувофиқи озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумоти аз манбаъҳои гуногун бадастомада, маълумоти омории озмоишӣ, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада ва, ниҳоят, дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевосита дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, таҳлил ва муназзам гардонидан ва коркарди маълумоти озмоиш, омода ва интишор намудани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия ифода меёбад.

Автореферати диссертатсия ҷавобгӯи талабот буда, комилан ба

мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф пеши назар меорад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Дар боби якуми рисола** - «Технологияи муосири педагогӣ ва масъалаҳои умумии назариявии омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат)», дар асоси таҳлилҳои назариявӣ ва манбаъҳои илмию методӣ масоили асосии технологияи педагогӣ ва таълими технология баррасӣ гардида, тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

**Дар зербоби якуми боб** - «Мафҳум, моҳият ва мазмуни таълими технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷанбаҳои педагогиву психологӣ ва моҳияти таълими технология таҳлил ва шарҳ дода шудаанд. Муаллиф таъкид мекунад, ки технологияи муосири таълим дар замони муосир яке аз унсурҳои меҳварии низоми таълим буда, таваҷҷуҳи пажуҳишгарони педагогию психологиро ба худ ҷалб намудааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки технологияи педагогӣ ҳамчун системаи мантиқии фаъолияти омӯзгор дар раванди ташкили таълим ва тарбия нақши ҳалкунанда дорад ва хонандаро мутобиқ ба талаботи ҷомеаи муосир барои иҷрои вазифаҳои амалии касбӣ омода менамояд.

**Дар зербоби дуюм** - «Таҷрибаи таърихии истифодаи усулҳои педагогӣ дар омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат)» таҷрибаи таърихии педагогикаи меҳнат ва усулҳои муосири таълим баррасӣ карда мешавад. Муаллиф ишора менамояд, ки омӯзиши технология ва механизми омӯзиши касбу ҳунарҳо дар педагогикаи муосир на танҳо раванди таълим, балки инчунин рушди шахсияти мутахассисро таъмин мекунад. Дар ин бахш назарияҳои олимони пешқадам ва таҷрибаҳои таълимӣ дар соҳаи технология ва меҳнат таҳлил ва муқоиса карда мешаванд.

**Зербоби сеюм** - «Кабинети технология ва нақши он дар ташаккули салоҳиятҳои технологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» ба таҳлили аҳамият ва нақши кабинетҳои фаннӣ ва устохонаҳои таълимӣ дар ҷараёни омӯзиши фанни технология бахшида шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки муҳити таълимии кабинети технология ҳамчун макони амалӣ ва омӯзишии таҷрибавӣ барои ташаккули маҳорати техникиву технологӣ ва рушди эҷодкории хонандагон нақши муҳим дорад. Ҳамзамон, истифодаи василаҳои таълимӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар кабинетҳо самаранокии раванди

**Дар боби дуюми рисола** масъалаҳои асосии роҳу усулҳои муосири таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар шароити муосир баррасӣ карда мешаванд. Дар ин боб таваҷҷуҳ асосан ба технологияҳои инноватсионӣ, усулҳои фаъол ва интерактивӣ, инчунин ба истифодаи усулҳои таълими проблемавӣ равона гардидааст, ки инҳо дар рушди самаранокии раванди таълим ва эҷоди қобилиятҳои касбии хонандагон нақши калидӣ доранд.

**Зербоби 2.1** - «Истифодаи технологияи инноватсионӣ, усулҳои фаъол ва интерактивӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат)» ба таҳлили таҷрибаҳои муосири педагогӣ ва технологияҳои нав дар омӯзиши фанни технология бахшида шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки истифодаи усулҳои фаъол ва интерактивӣ имкон медиҳад, ки хонандагон дар раванди таълим на танҳо маводи назариявиро аз худ кунанд, балки малакаҳои амалиро низ ба таври амалӣ инкишоф диҳанд.

**Зербоби 2.2** - «Асосҳои таълими проблемавӣ ва истифодаи он дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)» ба муфассал шарҳи усули таълими проблемавӣ ва аҳамияти он дар ташаккули фикру зеҳнии мураккаби хонандагон равона гардидааст. Муаллиф мегӯяд, ки таълими проблемавӣ ҳамчун усули педагогӣ дар бартараф намудани мушкилоти таълимӣ ва рушди қобилияти мустақилона ҳалли масъалаҳо нақши муҳим мебозад.

**Зербоби 2.3** - «Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба рушди фаъолияти эҷодии хонандагон дар ҷараёни дарсҳои технология (таълими меҳнат) ва арзёбии натиҷаҳои он» таҷрибаи амалии татбиқи роҳу усулҳои мазкур дар шароити мактаб ва натиҷаҳои ба дастомадаи онро таҳлил менамояд. Муаллиф натиҷагирӣ мекунад, ки корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба рушди қобилияти эҷодии хонандагон мусоидат карда, арзёбии натиҷаҳо имконият медиҳад, ки самаранокӣ ва мушкилоти мавҷударо муайян намоем ва барои беҳбуди раванди таълим тадбирҳои зарурӣ андешем.

**Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада.** Ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии такрори озмоиш дар амалияи таълиму тарбия таъмин намудаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуб таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти

диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф нуқтаи назари чандин олимону коршиносони соҳаро мавриди баррасӣ қарор додааст, аммо нуқтаи назари олимону муҳаққиқони ватанӣ дар мавзӯи таҳқиқот кам ба назар мерасад. Хуб мебуд унвонҷӯ дар ин самт таҳқиқоти амиқтар мегузаронд.

2. Дар баъзе мавридҳо дар шарҳу тафсири диаграммаҳо ва ҷадвалҳо нофаҳмиҳо ва норасоиҳо дида мешавад. Хуб мебуд муаллиф ин масъалаҳоро ба тарзи дигар ё бо шарҳи муфассалтар ифода мекард.

3. Хуб мешуд, ки диссертант доираи пойгоҳии таҳқиқотии худро васеътар менамуд.

4.Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо барои беҳтар намудани сифати кори илмӣ зарур аст.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

Диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Риоев Акобир Мирзоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Тоҳирҷон Абдусамадович мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи

давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Риоев Акобир Мирзоевич иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ 13 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 13 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ аз 23-юми сентябри соли 2025, №10/13).

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Мансурова Ҷ.С.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ — Самиев Т.А.

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявӣ, номзади
илмҳои педагогӣ — Арбобова Ф.А.

23.09. 2025

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83,
E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj

Имзои Ҷ.С. Мансурова, Т.А. Самиев ва Ф. Арбобоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода С.